# ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734064, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1Тел: +992 37 235 35 66, Факс: +992 37 235 35 66E-mail: mewr@mewr.tj,
Web: www.mewr.tj

## ФАРМОИШ

аз 5 июли соли 2024-ум, №33 ш. Душанбе

**Дар бораи корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, инчунин тартиби қатъ намудани қувваи барқ дар онҳо**

**150.140.180.**

Мутобиқи банди 1.9.6 Қоидаҳои истифодаи қувваи барқ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 1998, №84 «Дар бораи таҳрири нави «Қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ва гармӣ» тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Рӯйхати корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, тасдиқ карда шавад (замимаи 1).
2. Тартиби қатъ намудани қувваи барқ дар корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, тасдиқ карда шавад (замимаи 2).
3. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир – сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазири энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Далер Ҷумъа

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1293
"19" 07 с.2024

# МИНИСТЕРСТВО ЭНЕРГЕТИКИ И ВОДНЫХ РЕСУРСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

734064, г. Душанбе, улица Шамси 5/1Тел: +992 37 235 35 66, Факс: +992 37 235 35 66E-mail: mewr@mewr.tj, Web: www.mewr.tj


## РАСПОРЯЖЕНИЕ

от 5 июля 2024 года, №33 г. Душанбе

**О стратегических предприятиях, учреждений и других организаций Республики Таджикистан, регулярная деятельность которых считается особо важной, а также порядок отключения в них электроэнергии**

150.140.180.

В соответствии с пунктом 1.9.6 Правил пользования электрической энергией, утверждённое постановлением Правительства Республики Таджикистан от 6 марта 1998 года, №84 «Об утверждении Правил пользования электрической и тепловой энергией»,

РАСПОРЯЖАЮСЬ:

1. Утвердить Перечень стратегических предприятий, учреждений и других организаций Республики Таджикистан, регулярная деятельность которых считается особо важной (приложение 1).
2. Утвердить Порядок отключения электроэнергии стратегических предприятий, учреждений и других организаций Республики Таджикистан, регулярная деятельность которых считается особо важной (приложение 2).
3. Настоящее распоряжение представить в Министерство юстиции Республики Таджикистан для государственной регистрации и ввести в действие после государственной регистрации и официального опубликования.
4. Контроль за исполнением данного распоряжения возложить на заместителя министра – куратора отрасли.

Министр энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан Далер Джумъа

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1293
«19» 07 с.2024

Замимаи 1

ба фармоиши вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 июли соли 2024, №33

Рӯйхати
корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад

1. Бинои Муассисаи давлатии маҷмааи «Қасри миллат» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинои Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бӯстонсаройҳо ва қароргоҳҳое, ки дар тавозуни Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.
2. Қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Гвардияи миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании, инчунин қисмҳои ҳарбӣ ва дидбонгоҳҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ.
3. Биноҳо ва иншоотҳои Хадамоти алоқа, ки бевосита барои таъмини алоқаи махсус истифода мешаванд.
4. Иншоотҳои мутамаркази обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳо.
5. Пойгоҳҳои обкашии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон (дар давраи нашъунамо - аз 1 апрел то 1 октябр).
6. Биноҳои беморхонаҳои давлатӣ.
7. Ташкилотҳое, ки бо маводди ядроӣ ва химиявӣ сару кор доранд (аз рӯйи рӯйхати махсус).
8. Муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9. Биноҳои истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик», Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи корхонаи муштараки «Тоҷик Азот», ки ба равандҳои технологие, ки кори доимиро тақозо мекунанд, алоқаманд мебошанд ва қатъ намудани қувваи барқ дар онҳо боиси ба иқтидорҳои асосии истеҳсолӣ расонидани зарари калони молиявӣ мегардад.
10. Шахтаҳои зеризаминии истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1293
«19» 07 с.2024

Замимаи 2

ба фармоиши вазири энергетика
ва захираҳои оби Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз 5 июли соли 2024, №33

Тартиби
қатъ намудани қувваи барқ дар корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад

1. Тартиби қатъ намудани қувваи барқ дар корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб мераванд (минбаъд - Тартиби мазкур), ҳолатҳои қатъ намудани қувваи барқро дар корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Муштариён), ки дар рӯйхати корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад ва бо фармоиши вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми июли соли 2024-ум, №33 тасдиқ гардида, дар замимаи 1 пешбинӣ шудааст (минбаъд- рӯйхати дар замимаи 1 фармоиши мазкур пешбинишуда) ва сари вақт маблағи истифодаи қувваи барқро пардохт наменамоянд, муайян менамояд.

2. Таъминоти қувваи барқ ба Муштариёни дар банди 1 рӯйхати замимаи 1 фармоиши мазкур пешбинишуда, новобаста ба напардохтани маблағи истифодаи қувваи барқ, қатъ карда намешавад.

3. Дар сурати аз 2 (ду) моҳ зиёд ба таъхир афтодани пардохти маблағи истифодаи қувваи барқ, ташкилоти таъминкунандаи барқ ба Муштариён дар бораи қарздории онҳо, зарурати пардохт намудани қарз ва қатъ гардидани таъминоти барқ огоҳиномаҳоро бо нишон додани мӯҳлати пардохт, ки он аз 10 рӯзи тақвимӣ зиёд буда наметавонад, ирсол менамояд.

4. Огоҳинома ба муштарии қарздор тавассути мактуб ба суроғааш ирсол ё шахсан ба намояндаи муштарӣ бо гирифтани имзо ва нишон додани сана ва вақти қабули пардохти он супорида мешавад.

5. Дар сурати имконнопазирии пардохти қарз дар мӯҳлати дар огоҳинома пешбинишуда, Муштарӣ ҳуқуқ дорад бо ташкилоти таъминкунандаи барқ дар бораи тамдид намудани пардохти қарз ба мӯҳлати 3 (се) моҳ ва ба қисмҳои баробар ҷудо намудани қарз бо пардохти ҳатмии маблағҳои ҷорӣ ҳаққи истифодаи неруи барқ шартнома ба имзо расонад. Дар сурати риоя накардани яке аз шартҳои шартнома вобаста ба пардохти қарзи қувваи барқ, ташкилоти таъминкунандаи барқ ба Муштарӣ огоҳиномаи иловагӣ пешниҳод карда, таъминоти қувваи барқи Муштариро қатъ менамояд.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1293
«19» 07 с.20 24

6. Дар сурати ба имзо нарасидани шартномаи дар банди 5 Тартиби мазкур пешбинишуда қатъ гардидани таъминоти қувваи барқ баъди гузаштани муҳлати дар огоҳинома муқарраршуда анҷом дода мешавад. Намояндаи ваколатдори ташкилоти таъминкунандаи барқ уҳдадор мешавад, ки дар ҳузури намояндаи Муштарии қарздор таъминоти қувваи барқи Муштариро бо пломба гузоштани ҳисобкунаки барқӣ қатъ намуда, вобаста ба он дар ду нусха протоколи қатъ намудани қувваи барқро тартиб диҳад. Як нусхаи протокол дар ташкилоти таъминкунандаи барқ ва нусхаи дуюм ба Муштарӣ супорида мешавад. Дар сурати аз ҷониби намояндаи Муштарӣ даст кашидан аз имзогузорӣ дар протокол, дар ин бора дар протокол қайд карда мешавад.

7. Аз нав пайваст кардани таъминоти барқи Муштариён дар давоми на зиёда аз 3 (се) соат пас аз пурра баргардонидани қарз сурат мегирад.

8. Ташкилоти таъминкундаи барқ ва Муштарӣ уҳдадоранд, ки дар ҳамаи нуқтаҳои ҳисоб ҳисобкунакҳои муосири зеҳнӣ бо имкони дастрасии дурдаст барои гирифтани нишондодҳо ва хомӯш кардани таъминоти барқ ва таъмини бехатарии онҳо гузоранд. Биноҳои истеҳсолии дар банди 9 рӯйхати замимаи 1 фармоиши мазкур пешбинишуда, ки ба равандҳои технологие, ки кори доимиро тақозо мекунанд, алоқаманд мебошанд ва қатъ намудани қувваи барқ дар онҳо боиси ба иқтидорҳои асосии истеҳсолӣ зарари калони молиявӣ мегардад, бояд бо чунин ҳисобкунакҳои муосири зеҳнӣ ҷиҳозонида шаванд.

9. Муштариёне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мегарданд, дар асоси нишондиҳандаҳои воқеии истифодабарии барқ ва таҳлилҳои асоснок, дурнамои истифодабариро барои ҳар се сол таҳия карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади банақшагирии маблағҳои зарурӣ барои мувофиқа пешниҳод менамоянд.

10. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти саривақтии Муштариёни дар рӯйхати замимаи 1 фармоиши мазкур пешбинишуда, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мегарданд, таъмин менамояд.

11. Иншоотҳои идоракунии фаврии танзимгарӣ, огоҳкунӣ, муҳофизавӣ, хабардиҳии нақлиёти роҳҳои оҳан, ҳавоӣ, инчунин низоми энергетикӣ барои таъмини муназзами қувваи барқ сарчашмаҳои иловагии таъмини қувваи барқро бояд таъмин намоянд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1293
«19» 07 с.20 24

Приложение 1

к распоряжению министра
энергетики и водных ресурсов
Республики Таджикистан
от 5 июля 2024 года, №33

Перечень
стратегических предприятий, учреждений и других организаций
Республики Таджикистан, регулярная деятельность которых считается
особо важной

1. Здание Государственного учреждения комплекс «Дворец нации» Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, здание Парламента Республики Таджикистан, здание Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, дачи и резиденций Высшего руководства страны, находящееся на балансе Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан.
2. Военные объекты Министерства обороны, Министерства внутренних дел, Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне, пограничные заставы Главного управления пограничных войск Государственного комитета национальной безопасности.
3. Здания и сооружения Службы связи, непосредственно используемые для обеспечения специальной связи.
4. Централизованное водоснабжение и канализация в городах и районах.
5. Насосные станции Агентства по мелиорации и ирригации при Правительстве Республики Таджикистан (в вегетационный период - с 1 апреля по 1 октября).
6. Здания государственных больниц.
7. Организации, занимающиеся ядерными и химическими материалами (по специальному списку).
8. Учреждения системы исполнение уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан.
9. Производственные помещения Открытое акционерное общество «Таджикская алюминиевая компания» и Открытое акционерное общество совместного предприятия «Таджик Азот», которые связаны с технологическими процессами, требующими постоянной работы, отключения электроэнергии в них нанесут значительный финансовый ущерб основным производственным мощностям.
10. Подземные шахты по добыче подземных ресурсов.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1293
«19» 07 с.2024

Приложение 2

к распоряжению министра
энергетики и водных ресурсов
Республики Таджикистан
от 5 июля 2024 года, №33

Порядок
отключения электроэнергии стратегических предприятий, учреждений и других организаций Республики Таджикистан, регулярная деятельность которых считается особо важной

1. Порядок отключения электроэнергии стратегических предприятий, учреждений и других организаций Республики Таджикистан, регулярная деятельность которых считается особо важной (далее - настоящий Порядок), определяет случаи отключения электроэнергии стратегических предприятий, учреждений и других стратегических организаций Республики Таджикистан (далее - Потребителей), предусмотренные в приложении 1 к настоящему распоряжению, и своевременно не оплативших потреблённую электроэнергию.

2. Подача электроэнергии Потребителям, предусмотренным пунктом 1 приложения 1 настоящего распоряжения, не прекращается независимо от неуплаты за потреблённую электрическую энергию.

3. В случае просрочки оплаты за пользованную электроэнергию более чем на 2 (два) месяца, электроснабжающая организация направляет Потребителям уведомление о наличии задолженности, необходимости её погашения и прекращении подачи электроэнергии с указанием периода оплаты, который составляет не более 10 (десяти) календарных дней.

4. Уведомление направляется Потребителю должнику письмом на его имя или вручается лично представителю клиента под роспись с указанием даты и времени получения уведомления.

5. В случае невозможности погашения задолженности в срок, указанный в уведомлении, Потребитель имеет право заключить с энергоснабжающей организацией договор о рассрочке погашения задолженности на 3 (три) месяца равными долями с обязательной оплатой текущих платежей в период рассрочки. В случае невыполнения одного из условий договора, связанного с оплатой задолженности за электроэнергию, электроснабжающая организация предоставляет Потребителю дополнительное уведомление, а после отключает Потребителя от электроснабжения.

6. В случае не заключения договора, предусмотренного пунктом 5 настоящего Порядка, подача электроэнергии будет прекращена по истечении срока, указанного в уведомлении. Уполномоченный представитель энергоснабжающей организации обязан в присутствии представителя Потребителя опломбировать электросчётчик и составить протокол об

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДАР ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1293
«19» 07 с.2024

отключении электроэнергии в двух экземплярах. Один экземпляр остаётся в энергоснабжающей организации, второй экземпляр передаётся Потребителю. В случае отказа представителя Заказчика от подписания протокола это не будет отмечено в протоколе.

7. Повторное подключение Потребителей к системе электроснабжения осуществляется в течение не более 3 (трёх) часов после полного погашения задолженности.

8. Потребители обязаны установить на всех точках коммерческого учёта интеллектуальные счётчики с возможностью удалённого доступа для снятия показаний и отключения электроснабжения и обеспечить их сохранность. Производственные помещения, в которых осуществляются технологические процессы, перечисленные в пункте 9 приложения 1 настоящего Порядка, должны быть оборудованы аналогичными приборами учёта расхода электроэнергии.

9. На основе фактических показателей потребления электроэнергии и их анализа потребители, финансируемые из государственного бюджета, каждые три года разрабатывают прогноз потребления электроэнергии и представляют его в Министерство финансов Республики Таджикистан для планирования и утверждения соответствующих бюджетных расходов.

10. Министерство финансов Республики Таджикистан обеспечивает своевременную оплату Потребителей, указанных в приложении 1 к настоящему распоряжению, финансируемых из государственного бюджета.

11. На объектах систем оперативного регулирования, оповещения, защиты, предупреждения на железнодорожном транспорте, воздушном транспорте, а также в энергосистемах рекомендуется иметь источники резервного электроснабжения для обеспечения бесперебойного электроснабжения.

...ВОРАТИ А...И
...УМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1293
«19» 07 с.2024

# ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 25. Тел.: (992 37) 221-44-05,
факс: 221-16-22 e-mail: info@minjust.tj, web: www.minjust.tj

№ 4-4-231 аз «22» 07 соли 2024

Ба №__________ аз «____»______________ соли 202__

Вазорати энергетика ва
захираҳои оби Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Ба №16-1355
аз 5-уми июли соли 2024-ум

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми июли соли 2024-ум, №33 «Дар бораи корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, инчунин тартиби қатъ намудани қувваи барқ дар онҳо»-ро баррасӣ намуда, онро 19-уми июли соли 2024-ум, №1293 ба қайди давлатӣ гирифт.

Мувофиқи моддаи 89 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта танҳо баъд аз санҷиш, бақайдгирӣ ва интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд.

Дар асоси банди 3 Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018-ум, №167 тасдиқ шудааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта пас аз бақайдгирии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 10 рӯз дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ё «Садои мардум» расман интишор карда мешаванд ва аз рӯзи интишор гардидани онҳо дар яке аз ин рӯзномаҳо, инчунин дар маҷаллаи «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор мегиранд.

ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА
ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КОРГУЗОРӢ
ВА НАЗОРАТ
Воридот № 9/2060
"23" 07 2024

Тибқи банди 19 Тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2018-ум, №195 тасдиқ шудааст, мақоми санади меъёрии ҳуқуқиро қабулкунанда на дертар аз 15 рӯз ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарчашмаи интишори ин санади меъёрии ҳуқуқӣ маълумот пешниҳод менамояд.

Ғайр аз ин, моддаи 505 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани тартиби муқарраршудаи нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ кардааст.

Бинобар ин, бояд санади меъёрии ҳуқуқии мазкур тибқи тартиб ва мухлати зикршуда расман интишор гардида, маълумот дар бораи нашри он ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 15 рӯз пешниҳод карда шавад. Ҳангоми интишори санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ нишон додани рақами бақайдгирӣ ва таърихи бақайдгирии давлатӣ ҳатмист.

Дар ҳолати нашр нагардидан ва пешниҳод накардани маълумот дар бораи сарчашмаи интишори расмӣ, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани фармоиши мазкур қарор қабул менамояд.

Замима: Нусхаи аслии хулосаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми июли соли 2024-ум, №1293 ва фармоиши вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми июли соли 2024-ум, №33 (бо забонҳои давлатӣ ва русӣ).

Муовини вазир Шараф Каримзода

# ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 25. Тел.: (992 37) 221-44-05,
факс: 221-16-22 e-mail: info@minjust.tj, web: www.minjust.tj


№4-4-231 аз «22» 07 соли 2024

Ба №__________ аз «____»_______________ соли 202__

Вазорати энергетика ва
захираҳои оби Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Хулоса

Номи мақоме, ки санади меъёрии ҳуқуқиро барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудааст: Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Намуди санад, санаи қабул, номгӯйи он: фармоиши вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми июли соли 2024-ум, №33 «Дар бораи корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, инчунин тартиби қатъ намудани қувваи барқ дар онҳо».

Мазмуни мухтасари санади меъёрии ҳуқуқӣ: фармоиши мазкур мутобиқи банди 1.9.6 Қоидаҳои истифодабарии қувваи барқ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми марти соли 1998-ум, №84 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, ҳолатҳои қатъ намудани қувваи барқро дар корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, муайян менамояд.

Хулоса (рақам ва санаи бақайдгирӣ): бо натиҷаи баррасӣ ба фармоиши вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми июли соли 2024-ум, №33 «Дар бораи корхонаю муассисаҳои стратегӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, инчунин тартиби қатъ намудани қувваи барқ дар онҳо» рақами бақайдгирии давлатии 1293 аз 19-уми июли соли 2024-ум дода шуд.

Муовини вазир Шараф Каримзода

ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
Воридот № 92960
«23» 07 2024